# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзӯи «Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Шоҳасари безаволи «Тоҷикон»-и таърихнигори барӯманди миллат, академик Бобоҷон Ғафуров чун шиносномаи воқеии таърихи Ватану миллатамон пазируфта шуда, дар парвариши ҳисси худшиносию ватандӯстӣ ва ташаккули тафаккури таърихии соҳибватанон нақши муассир бар дӯш доштааст. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба «Тоҷикон» ва соҳиби он иззатмандона арҷ гузошта, бо камоли ихлос афзудаанд, ки “Ин марди бузург аз осорхонаи беинтиҳои таърих осори тамаддун ва мероси фарҳангии миллати тоҷикро зарра-зарра ҷамъ оварда, ба риштаи таҳрир кашид, танзиму даврабандӣ кард ва ба оламиён исбот намуд, ки тоҷикон бум буданд ва ҳастанд”.

Дар ҳамин замина, таҳқиқоти илмии Суриева Шакармо Чоршанбиевна таҳти унвони «Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров» қобили тааммули хос буда, рисолаи комил ва таҳқиқоти муфассалу густурда ва аз арзиши баланди илмӣ бархӯрдор ва афзун ба ин, аз огоҳиву дониши фарохи муаллиф дар ин самт гувоҳӣ медиҳад. Муаллиф таҳқиқоти хешро дар муқаддима, ду боб бо фаслҳои ҷудогона, хулосаву тавсияҳои мантиқӣ ва феҳристи адабиёт гирдоварӣ намудааст, ки фарогири масъалаҳои муҳим ва бунёдии мавзӯи парвариши ҳисси ватандӯстӣ ва ғурури миллӣ буда метавонад.

Ҷараёни бозсозӣ ва дигаргун сохтани маорифи кишвар дар зинаҳои гуногуни низоми таълимӣ бо тарбияти ормонҳои ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ якҷо сурат мегирад ва натиҷаи он ҳам вобаста ба арзиши ин ҳадафҳо мебошад. Ҳамин нуктаи муҳим дар ин таҳқиқот бо

истифода аз далелҳои муътамад ва андешаву мулоҳизаронихои мантиқӣ бо дар назар гирифтани тарбияи эҳсоси худшиносию ифтихори миллӣ дар низоми таҳсилотии кишвар ба таҳқиқ кашида шудааст.

Воқеан ҳам «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров мондагортарин қомус ва хонданитарин китоб ба мо аз сарнавишти як миллати воҳид, аз саргузашти як қавми муаззам бо исми тоҷик ҳикоят мекунад. Гузашта аз ин, «Тоҷикон» донишу заковати насли тозараси ҷомеаро дар шинохти асолати хеш, шинохти таърихи пешинаи миллат, тақвият бахшидан ба ҳисси ватандӯстӣ ва тафохуроти миллии хонандагон нақши муассир гузошта, вазифаи ошноӣ ва раҳнамоии беминатро адо хоҳад намуд. Дар рисолаи мавриди назар ҳамин андешаҳои қобили таваҷҷуҳ ва омӯзанда бомаҳоратона ва мӯшикофона дарҷ гардидааст.

Дар ин пажуҳиш афкори омӯзандаи академик Бобоҷон Ғафуров оид ба тарбияи ватандӯстӣ, худшиносиву ходогоҳӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳову муқаддасоти миллӣ мавриди дидгоҳҳои педагогони соҳибназарони ватаниву хориҷӣ таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст, ки сухани тоза дар илми муосир ба шумор меояд.

Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқот низ эътимодбахш буда, манобеи илмӣ ва назарии ба мавзӯи диссертатсия иртибот дошта, мавриди истифода қарор гирифтааст, ки онҳо дар феҳрасти адабиёт бо риояи тартиби алифбо зикр гардидаанд.

Дар баробари комёбиҳо бояд зикр кард, ки дар автореферати рисола баъзе камбудиҳо ва ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм расид, ки ислоҳи онҳо танҳо ба хотири беҳбудии сифати кор аст:

1. Хуб мешуд, ки диссертант бештари таваҷҷуҳи таҳқиқоти худро ба рисолаву корҳои педагогони рус такя менамуд, то ки қубҳу фасоҳати диссертатсия дигаргун мегашт.

2. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои тахникӣ ва имлоӣ ба чашм назаррас мебошанд (саҳ. 11, 22, 24).

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад аз арзиши аслии диссертатсия ва фишурдаи тақризшаванда чизе коҳонад. Бино бар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои диссертатсия метавон ба хулосае омад, ки муқаддима ва бобҳои дохилии диссертатсия тавонистаанд, иттилои арзишмандеро дар бораи хусусиёти тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мустаъмали асар бозгӯ намоянд. Бионан, диссертатсияи номзадии Суриева Ш.Ч. кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ҷавобгӯ мебошад. Фишурдаи диссертатсия ва силсилаи мақолоте, ки диссертант перомуни мавзуъ дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи КОА чоп кардааст, муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд. Бино бар ин, диссертатсияи номзадии Суриева Шакарморо ҳамчун кори илмии анҷомёфта аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор ба дифоъ медонем ва муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси зикргардида арзанда аст.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи педагогика, психология
ва методикаи тарбияи томактабии факултети
педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҷӯраев Ҳасан
Акрамзода

Имзои н.и.п. Ҳ.А. Ҷӯраевро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Мустафозода А.